Бо қарори президиуми Иттифоқи
касабаи роҳиоҳанчиёни
Тоҷикистон тахти № 2/5 аз 5 апрели
соли 2018 тасдиқ карда шудааст.

# Н И З О М Н О М А
## дар бораи шахсони ваколатдор оид ба ҳифзи меҳнати Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон

### Қоидаҳои умумӣ

1. Ваколатдорони иттифоқи касаба оид ба ҳифзи меҳнат-минбаъд ваколатдорони ҷамъиятӣ-намояндагони иттифоқи касаба дар коллективи меҳнатӣ мебошанд, ки дар асоси талаботи моддаи 363 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати ҷамъияти риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва қоидаҳои ҳифзи меҳнатро иттифоқҳои касаба, нозирон ва комиссияҳои мақомоти дахлдори интихобии иттифоқи касабаи ташкилот ё дигар намояндагони кормандон амалӣ менамоянд, назорати ҷамъиятиро оиди шароити меҳнат ва риояи қоидаву меъёрҳо доир ба ҳифзи меҳнат дар ҷойҳои корӣ, иҷрои чорабиниҳо оиди пешгирӣ аз ҳодисаҳои нохуш ва бемориҳои касбӣ назорат мекунанд:

1.1.Ваколатдорони ҷамъиятии ҳифзи меҳнат намояндаи коллективи меҳнатӣ дар ташкилот (дар оянда муассиса) мебошанд, ки назорати ҷамъиятӣро оиди шароити меҳнат ва риояи қоидаву меъёрҳо доир ба ҳифзи меҳнат дар ҷойҳои корӣ, иҷрои чорабиниҳо оиди пешгирӣ аз ҳодисаҳои нохуш ва ба касалиҳои касбӣ дучоргардидани кормандонро назорат мекунанд.

1.2.Ваколатдорони ҳифзи меҳнат дар маҷлисҳои (конференсияҳои) ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба аз ҳисоби аъзоёни пешқадаму фаъол бо овоздиҳии кушод интихоб карда мешаванд.

Муҳлати ваколати онҳо ба муҳлати амалӣ ваколати мақомоти интихобии намояндагони кормандон (иттифоқи касаба) баробар мебошад.

1.3. Намояндагии ваколатдорони ҷамъиятӣ аз тарафи иттифоқҳои касаба дар асоси талаботи моддаи 363-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташкили назорати ҷамъиятӣ аз рӯи иҷрои қонунҳои амалкунанда оиди ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон дар масъалаҳои ҳифзи меҳнат дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият намуди хоҷагидорию шумораи кормандон таъсис дода мешавад.

1.4. Шумораи ваколатдорони ҳифзи меҳнат бо қарори ташкилоти иттифоқи касаба вобаста ба шароити мушаххаси истеҳсолот муқаррар карда мешавад, ки онҳо назорати ҷамъиятиро оиди ҳифзи меҳнат дар корхона ва муассиса таъмин менамоянд.

Дар корхона ва муассисаҳои роҳи оҳан шумораи ваколатдорони ҷамъиятӣ вобаста ба шумораи участкаҳо ва сехҳои истеҳсолӣ интихоб карда мешаванд.

1.5. Кормандоне, ки аз рӯи вазифаи ишғолкардаашон барои ҳифзи меҳнат масъул мебошанд ва иҷрои чорабиниҳо оиди пешгирии захмбардори истеҳсолӣ, бемориҳои касбӣ ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, ба ҳайси ваколатдори ҷамъиятӣи ҳифзи меҳнат интихоб намудан ҷоиз нест.

1.6.Агар ҳайати ваколатдорони интихобшудаи ҳифзи меҳнат дар корхона ё муассиса он аз 3 нафар зиёд бошад, як нафар ваколатдори калон доир ба ҳифзи меҳнат интихоб карда мешавад.

1.7. Маъмурияти корхона якҷоя бо кумитаи иттифоқи касаба дар муддати як моҳ пас аз интихоби ваколатдорони ҳифзи меҳнат, омӯзиш ташкил намуда, онҳоро бо қоидаҳо, дастуруламалҳо ва дигар маводҳои меъёриву иттилоотӣ таъмин мекунанд. Барои фаъолияти онҳо шароити зарурӣ муҳайё намуда, оид ба амалӣ гардонидани таклифҳо оиди масъалаи беҳдошти шароит ва ҳифзи меҳнат дар истеҳсолот мадад мерасонанд.

Ваколатдорони ҷамъиятӣ оиди ҳифзи меҳнат бояд аз тарафи комиссияе, ки аз ҳисоби мутахассисони муассиса, намояндагони мақомоти назорати давлатӣ ва нозирони меҳнати иттифоқҳои касаба таъсис дода шудааст, аз аттестатсия гузаронида шаванд.

1.8. Маъмурияти корхона, иттифоқи касаба ва мақомоти интихобии онҳо мақомоти назорати давлатӣ, нозирони меҳнати иттифоқи касаба ба ваколатдорони ҷамъиятӣ оиди ҳифзи меҳнат дар иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда кӯмаки зарурӣ расонида, ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд.

1.9.Ваколатдорони ҷамъиятӣ оиди ҳифзи меҳнат дар фаъолияти худ Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи (Низомномаи) муассиса, Оинномаи иттифоқи касаба, Низомномаи мазкур ва қоидаву меъёрҳоро доир ба ҳифзи меҳнат ба роҳбарӣ мегиранд.

1.10.Барои иҷрои вазифаҳояшон ба ваколатдорони ҷамъиятӣ оиди ҳифзи меҳнат дар доираи вақти корӣ на камтар аз ду соат дар як ҳафта, махсус вақт ҷудо карда мешавад. Дар давоми ин вақт аз ҳисоби корхона маоши ваколатдори ҳифзи меҳнат ба андозаи музди меҳнати миёна пардохта мешавад.

## 2.Мазмун ва мундариҷаи кори ваколатдорони ҳифзи меҳнат, ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо

2.1.Дар асоси талаботи моддаи 363 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва қоидаҳои ҳифзи меҳнатро иттифоқҳои касаба, нозирон ва комиссияҳои мақомоти дахлдори интихобии иттифоқи касабаи ташкилот ё дигар намояндагони кормандон амалӣ менамоянд.

2.2.Ваколатдорони ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнат аз тарафи кормандон ва корфармоён риоя шудани талаботи ҳифзи меҳнатро назорат бурда, барои иҷрои ин рисолаташон онҳо ҳуқуқ доранд бе ягон мамоният ба объектҳои назоратшаванда ташриф оварда ҳолати ҳифзи меҳнатро

дар ҷойҳои корӣ санҷанд ва ба роҳбарон доир ба бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда амрнома диҳанд. Ваколатдорони ҷамъиятӣ оиди ҳифзи меҳнат шохаи асосии назорати ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнат аз тарафи иттифоқҳои касаба ба шумор мераванд. Шахсони ваколатдори ҷамъиятӣ бевосита дар рафти истеҳсолот дар миёни кормандони иштирок намуда, имконияти назорати аз тарафи корфармо иҷро намудани қонунҳои амалкунанда оиди ҳифзи меҳнат, ҳолати ҳифзи меҳнат ва аз тарафи кормандон риояи қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнатро доранд.

2.3.Барои иҷрои вазифаҳои ба зимма доштаашон ваколатдорони ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнат ҳолати ҷойҳои корӣ, гузаргоҳҳо ва равшаннокии онҳоро санҷида аз ҷиҳати техникӣ дуруст насб ва истифода шудани таҷҳизот, дастгоҳҳо, мошинаҳо, механизмҳо, олотҳо, воситаҳои нақлиёт кори дастгоҳҳои ҳавокашӣ, мувофиқати ҷараёни технологиро ба талаботи бехатарии меҳнат, ҳолати роҳҳои тахлия (эвакуатсия) баромадгоҳҳои эҳтиётиро муайян мекунанд;

- сифати гузаронидани корҳои дастурдиҳиро доир ба бехатарии меҳнат аз тарафи корфармо ва таъминоти кормандони техникиро бо либосу пойафзоли махсус дигар воситаҳои ҳимояи фардӣ дурустии истифодаи онҳо, инчунин дар муҳлатҳои муқарраршуда гузаронидани тозакунии кимиёвӣ, ҷомашӯӣ, таъмир, хушкунӣ, чангтозакунӣ, безараргардонӣ, таҷъизкунонӣ (дезинфексия), аз моддаҳои радиоактивӣ рафъ кунонидани либосу пойафзолҳои махсус ва ғайраро назорат мекунанд;

- ҳолати санитарию маишии биноҳо ва кабинетҳо фаъолияти муътадили онҳо ва мувофиқи қоидаю меъёрҳои муқарраршуда бо он таъмин будани ҳамаи кормандонро месанҷанд;

- аз тарафи маъмурият риоя шудани қонунгузориро оиди вақти корӣ, вақти истироҳат, ҳифзи меҳнати занон ва ҷавонон назорат мекунанд;

- ташкили реҷаи бо оби нӯшокӣ таъмин будани кормандон, ба онҳо додани шир, маводҳои шустушӯӣ ва додани хӯрокҳои табобатӣ профилактикиро назорат мебаранд;

- дар бораи ҳар як ҳодисаи нохуши дар истеҳсолот ё ҳодисаи зараррасонӣ ба саломатӣ, ки бо кормандон ҳангоми кор ва вобаста ба вай рух медиҳанд фавран ба роҳбари корхона хабар дода ба ҷабрдида ёрии аввалини тиббӣ мерасонанд;

- ҳангоми ба амал омадани хатар ба ҳаёт ва саломатии кормандон, ҳуқуқ доранд корро боздоранд, дар бораи он бевосита ба корфармо хабар расонанд;

- якҷоя бо мақомоти назорати давлативу ҷамъиятӣ мутахассисони ҳифзи меҳнати муассиса доир ба пешгирии маҷруҳшавӣ ва бемориҳои касбии истеҳсолӣ барои гузаронидани санҷиши шароити меҳнат дар ҷойҳои корӣ фаъолона ширкат меварзанд;

- дар таҳқиқи ҳолат ва сабаби рӯй додани ҳодисаи нохуш ва бемориҳои касбӣ иштирок намуда, ба комиссияҳои дахлдор оид ба бартараф намудани сабабҳое, ки натиҷаи он ба маҷруҳшавии истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ меорад, таклифҳо пешниҳод менамоянд;

- оид ба сари вақт ва дуруст ба расмият даровардани санадҳо аз рӯйи намуди Н-1 ва иҷрои чорабиниҳо доир ба бартараф кардани сабабҳои ҳодисаи нохуш назорат мебаранд;

- дар сурати масъулияти ҳарду тараф дар ҳодисаи нохуши рӯхдода, ваколатдори ҳифзи меҳнат ҳуқук дорад барои муайян намудани зиёни аз маҷруҳшави ё дигар ҳолатҳои иллатёбии саломатии корманд ба муассиса расонидашуда, ки ба иҷрои вазифаҳои меҳнатии вай алоқаманд аст, ба комиссияи дахлдори иттифоқи касабаи соҳавӣ ва маъмурият таклифҳо пешниҳод кунад;

- аз корфармо оиди аз кор дур намудани шахсонеро, ки мунтазам қоидаю дастурамалҳоро доир ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии он вайрон мекунанд ва бо ин амали худ барои кормандони дигар ҳолатҳои хатарнок ба вуҷуд меоранд, талаб намоянд.

## 3. Кафолатҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти ваколатдорони ҷамъиятӣ оиди ҳифзи меҳнат дар ташкилот

3.1. Аз кор озод кардан, додани муҷозоти интизомӣ ва дигар чораҳои таъсиррасонӣ ба ваколатдорони ҷамъиятӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон чун намояндаи меҳнаткашон фақат бо иҷозати коллективи меҳнатӣ ва Кумитаи иттифоқи касабаи корхона ба амал баровварда мешавад.

3.2. Муассис, маъмурият ва шахсони мансабдор барои вайрон кардани ҳуқуқи ваколатдорони ҳифзи меҳнат ё монеъшавӣ ба фаъолияти қонунии онҳо мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

3.3.Ваколатдорони ҳифзи меҳнат на камтар аз як бор дар нимсола оиди кори худ дар ҷаласаи умумии коллективӣ меҳнатӣ ва иттифоқи касабаи корхона ҳисобот дода оиди натиҷаҳои фаъолияти худ дар назди қонун, коллективи меҳнатӣ ташкилоти иттифоқи касаба ҷавобгар мебошанд.

Агар ваколатдори ҳифзи меҳнат нисбати вазифаҳои худ беэътиборӣ намояд ё дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон оиди таъмини шароити бехатарии меҳнат дар ҷойҳои корӣ ба қадри зарури устуворӣ зоҳир накунад, вай бо қарори ҷаласаи (конференсияи) ташкилоти иттифоқи касаба бозхонд карда мешавад.

3.4.Ба ваколатдорони ҳифзи меҳнат шаҳодатномаи махсуси намунааш муқарраршуда дода мешавад. Бо пешниҳод намудани ин шаҳодатнома онҳо метавонанд бе мамоният, бе хабардоркунии пешакӣ дар тамоми давраи вақти корӣ ба корхона, ошхона, озмоишгоҳ, устохона даромада ҳолати ҳифзи меҳнатро санҷад, аз болои иҷрои қоидаю меъёрҳои ҳифзи меҳнат, чорабиниҳо доир ба пешгирӣ кардани ҳодисаҳои нохуш ва маризии касбӣ дар истеҳсолот назорат баранд.

3.5.Барои кори софдилона ва фаъолона, пешгирии ҳодисаҳои нохуш ва маризии касбӣ дар истеҳсолот мусоидат мекунад, беҳтаршавии шароити меҳнат дар ҷойҳои корӣ бо қарори якҷояи коллективи меҳнатӣ ва ташкилоти иттифоқи касабаи корхона ваколатдорони ҳифзи меҳнат аз

ҳисоби фонди ҳифзи меҳнати корхона аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд карда мешаванд.

## 4.Ҳуқуқ ва вазифаҳои ваколатдори ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнат

4.1.Дар татбиқи системаи назорати маъмурию ҷамъиятии ҳифзи меҳнат дар корхона ва ташкилотҳо нақши ваколатдори ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнат бағоят муҳим мебошад.

Тибқи моддаи 357 банди 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати ҷамъиятӣи риояи меъёру қоидаҳои ҳифзи меҳнат аз ҷониби иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон ба амал бароварда мешавад, ки онҳо бо ин мақсад ҳуқуқ доранд бозрасии худиро таъсис диҳанд, инчунин шахсони ваколатдорро оид ба ҳифзи меҳнат интихоб намоянд.

4.2.Нозирон ва шахсони ваколатдор оид ба ҳифзи меҳнати иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон ҳуқуқ доранд:

- ✓ аз ҷониби корфармоён риоя гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҳифзи меҳнат назорат кунанд;
- ✓ ташхиси мустақилонаи шароити меҳнат ва таъмини бехатарии кормандони ташкилотро гузаронанд;
- ✓ дар санҷиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолотва бемориҳои касбӣ иштирок кунанд, инчунин мустақилона онҳоро санҷиш намоянд;
- ✓ аз роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори ташкилот оид ба шароит ва ҳифзи меҳнат, инчунин дар бораи ҳамаи ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ маълумот гиранд;
- ✓ дар бораи боздоштани корҳо дар ҳолатҳои таҳдид ба ҳаёту саломатии кормандон талабот пешниҳод кунанд;
- ✓ ба корфармоён барои бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи талаботи ҳифзи меҳнат амрномаҳо медиҳад, ки иҷрои он ҳатмӣ мебошад;
- ✓ санҷиши шароит ва ҳифзи меҳнат, иҷрои уҳдадориҳои корфармоёнро оид ба ҳифзи меҳнат, ки тибқи созишнома ва шартномаи коллективӣ пешбинӣ шудаанд, таъмин намоянд;
- ✓ дар кори комиссияҳо оид ба санҷиш ва ба истифода додани иншооти истеҳсолӣ ва воситаҳои истеҳсолӣ ба ҳайси коршиносони мустақил иштирок намоянд;
- ✓ дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат иштирок намоянд, инчунин онҳоро бо тартиби муқарраргардида мувофиқа кунанд;
- ✓ ба мақомоти дахлдор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки талаботи ҳифзи меҳнатро риоя накардаанд, ҳодисаҳои нохуши дар истеҳсолот рухдодаро пинҳон медоранд, мурочиат намоянд;
- ✓ дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ, ки ба вайронкунии муқарраароти Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, уҳдадориҳои пешбиникардаи созишнома ва шартномаи коллективӣ ҷиҳати ҳифзи меҳнат, инчунин тағйирёбии шароити меҳнат алоқаманд мебошанд, иштирок кунанд;

- ✓ дорои дигар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

3. Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд бемамоният дар ташкилот риояи талаботи ҳифзи меҳнатро санҷида, ба шахсони мансабдор таклифи баррасии ҳатмиро оид ба бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи талаботи ҳифзи меҳнат пешниҳод намоянд.

Маъмурияти корхона вазифадор аст, ки интихоби ваколатдорони ҷамъиятӣи ҳифзи меҳнатро дар ҳар як коллективи меҳнатӣ новобаста аз шакли моликият, соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва шумораи кормандон таъмин намоянд.